Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айни 44, E-mail: boboev.komil@list.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии ИМИЧИ ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) » барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комилексҳо) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи ташкил ва идоракунии ИМИЧИ ташкилот кам таваҷҷух зоҳир карда, ҳамкориҳои тарафайн бо корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати гирифтани фармоишҳо амалан дида намешавад. Ҳамаи ин интихоби мавзуи автореферати рисоларо пешакӣ муайян карда, нокифоя кор карда баромадани он таҳқиқотро муайян намуд.

Маврид ба зикр аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ шиддат гирифтани мубориаи рақобатӣ ва зарурати дар асоси принсипҳои иқтисодиёти бозорӣ ташкил кардани фаъолияти худро хуб дарк кардаанд. Алалхусус, афзуншавии талаботи истеъмолкунандагони хизматрасониҳо нисбат ба худи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳбарони муассисаҳоро маҷбур месозад воситаҳоеро мавриди истифода қарор диҳанд, ки барои ҷалби диққати истеъмолкунандагон мусоидат намоянд.

Дар замони муосир ҳангоми тамоюли умумии коҳишёбии нисбии маблағгузории давлатии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ афзоиш ёфта, он тавассути рушди фаъоли хизматрасониҳои пулакӣ таъмин карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зиёда аз 70%-и сарчашмаҳои захираҳои молиявии макотиби олӣ аз ҳисоби фурӯши озоди маҳсулот ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул меёбанд. Ҳамин тавр, бозори хизматрасониҳои таҳсилотии тараққикунанда боиси рушди рақобат дар байни агентҳои асосии ин бозор – макотиби олӣ гардид. Дар натиҷаи кори механизмҳои бозорӣ майлу хоҳиши макотиби олии ҷумҳурӣ барои дарёфти мавқеи бозорӣ, баланд бардоштани сифати барномаҳо ва маҳсулоти таҳсилотӣ, таҳқиқи вазъи бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва меҳнат, махсусан ҳаҷми талабот ба маҳсулоти таҳсилотӣ ва рафтори рақибон тақвият ёфт.

Маҳз ҳамин масъала муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти автореферати диссертатсионии интихобкардаи диссертантро ташкил дод. Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда ва вазифаҳои онро иҷро намудааст.

Муҳаққиқ ҳангоми навиштан ва таҳияи автореферати диссертатсионӣ илмӣ аз усулҳои маъмули корҳои илми таҳқиқотӣ ба монанди усули абстрактӣ-мантиқӣ, динамикӣ, танқидӣ, таҳлили

муқоисавӣ, индуксия, дедуксия, ҳамзамон усулҳои оморӣ ва иқтисодӣ-риёзии таҳлил ва шарҳи графикӣ дар диссертатсия истифода кардааст.

Дар раванди шиносои бо автореферат маълум гардид, ки муаллиф хеле моҳирона аз адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ кор карда, мустақилона далелҳои омориро ба мақсади таҳқиқ ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

Натиҷаҳои таҳқикот, хулосаҳо ва тавсияҳои амалию методии автореферати диссертатсия метавонад барои муайян Имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар қатори ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати диссертатсия ақидаҳои баҳсталаб ва инчунин норасоиҳо ба назар мерасанд, ки баъзеи онҳоро бояд қайд намуд.

1. Дар радифи бартариятҳои кори мазкур мехостам тавсия намоям, ки бо истифода аз моделҳои риёзию иқтисодӣ дурнамои ҳиссаи хароҷоти маориф ба ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ барои муайян мекард;

2. Хулосарезии автореферат агар аз рӯи таҳлилҳои гузаронидашуда бароварда мешуд, дасгоҳи илмии автореферат боз ҳам хубтар мешуд.

Ҳамин тавр, автореферати Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии ИМИҶИ ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон) » ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ** **Комилов Н.Б.**

**Имзои, номзади илми иқтисодӣ, мудири**
**кафедраи молия ва қарз Комилов Н.Б.-ро**
**тасдиқ менамоям.**

**Сардори РК КМ-и Донишгоҳи давлатии**
**Кӯлоб номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Амиров Ф.А.**

**Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи**
**давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**
**Тел: (992) 918-57-92-90**
**E-mail : nizomiddin.komilov@mail.ru**

«05» 03 2024